# 8983 - Намоиши филмҳое, ки сифати ҳаҷро баён мекунанд

## савол

Намоиши филмҳои таълимӣ оиди маносики ҳаҷ, ки дар масҷиди Маркази Исломӣ барои хоҳишмандони ҳаҷ намоиш дода мешавад, чӣ ҳукм дорад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо ин саволро ба Шайх Абдуллоҳ ибни Ҷибрин матраҳ намудем, (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин посух дод:

Аз нигоҳи Шариъат дар ин кор фоидаи равшане вуҷуд дорад ва мардумро бо расмҳо омӯзонидан лозим аст. Шарҳу эзоҳ (ва баён намудани аҳкоми ҳаҷ бо забон) мумкин аст барои онҳо кифоя набошад. Аксҳои филм собит нестанд, аз ин рӯ далелҳои манъи сурат кашидан ба онҳо дахл надоранд.

Аллоҳ донотар аст.